ТУ САРЧАШМАИ НИРӮ, ДАРГОҲИ БАХТУ САОДАТ ҲАСТӢ – ӮЗБЕКИСТОНИ АЗИЗ!

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

19 августи соли 2020. Чоршанбе

№ 56 (14655)

сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

ДАР ПАЛАТАИ ҚОНУНГУЗОРИИ ОЛИЙ МАҶЛИС

## РАИС ВА РОҲБАРОНИ ФРАКСИЯҲО БО АЪЗОИ ПАРЛУМОНИ ҶАВОНОН ВОХӮРДАНД

***Ба Парлумони ҷавонони назди Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис аз байни зиёда аз 11000 ҷавонон, ки дар соҳаҳои мухталифи кишвар фаъолият нишон медиҳанд, 250 нафар аъзои интихоб гардид. Ҷараёни мазкур дар асоси тамоюлҳои демократӣ, муҳити рақобати озод, баҳсу мунозираҳои шадид сурат гирифт.***

17 август вохӯрии аъзои Парлумони ҷавонон бо Спикери Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис ва роҳбарони фраксияҳои ҳизбҳои сиёсӣ ба амал омад.

Спикер Н.Исмоилов дар баромади худ алоҳида таъкид кард, ки Парлумони ҷавонон дар ҷараёни иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ ба як ҷузъи муҳими ҷомеаи шаҳрвандӣ табдил меёбад, ки ба таъмини иштироки ҷавонон дар онҳо нигаронда шудааст.

Дар вохӯрӣ инчунин масъалаҳои ҷалби ҷавонон ба ҳамаи марҳилаҳои фаъолияти парлумонӣ ва эҷоди қонун, пурзӯр гардондани фаъолияти онҳо дар муайян намудани самтҳои нав ва афзалиятнок барои баланд бардоштани сифати фаъолияти қонунгузорӣ ва рушди минбаъдаи ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи сиёсати давлатии ҷавонон баррасӣ шуданд.

— Парлумони ҷавонон як сохтори оддӣ набуда, балки майдони воқеие мебошад, ки ба таъмини фаъолнокии сиёсии ҷавонони мо хидмат мекунад, – гуфт Спикери Палатаи қонунгузорӣ Н. Исмоилов. — Мо боварӣ дорем, ки дастгирии ҷавонон, ғанӣ гардондани дониш ва малакаи сиёсӣ ва ҳуқуқии онҳо, ҷалби онҳо ба ҷараёни эҷоди қонунҳо, тарғиби қонунҳои қабулшуда дар байни ҷавонон, пешгирии қонуншиканиҳо дар байни ҷавонон ба Олий Маҷлис ва мақомоти дигари ҳокимияти давлатӣ ёрии самарабахш хоҳад расонд. Дар ин бобат, мо омодаем, ки дар масъалаи истифодаи натиҷаҳои фаъолияти Парлумони ҷавонон муносибати хеле ҷиддӣ ва масъулият зоҳир намуда, ҳамкорӣ кунем.

Спикер иштироки бомуваффақияти аъзои Парлумони ҷавононро дар веб-форум оид ба ҳуқуқи инсон дар Самарқанд таҳти мавзӯи «Ҷавонон 2020: ҳамбастагии ҷаҳонӣ, рушди устувор ва ҳуқуқҳои инсон», аз ҷониби аъзои Парлумони ҷавонон ҷонибдорӣ гардидани Конвенсия оид ба ҳуқуқи кӯдакро, ки дар иҷлосияи 72-юми Ассамблеяи генералии СММ аз ҷониби Президентамон он пешниҳод шудааст, қайд кард.

Дар чорабинӣ ҷонибҳо дар бораи ба роҳ мондани алоқаҳои байни аъзои Парлумони ҷавонон ва кумитаҳои Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис, масъалаҳои таъмини иштироки онҳо дар татбиқи қонунгузорӣ ва назорати парлумонӣ мубодилаи афкор намуданд.

Дар ҷараёни ҷамъомад аъзои Парлумони ҷавонон, ки аз минтақаҳо интихоб шудаанд, бо саволу пешниҳодотҳояшон фаъолона ширкат варзиданд.

**Нурулло НАСРИЕВ,**
**мухбири ӮзА.**

НУҚТАИ НАЗАРИ ДЕПУТАТ

**Камбизоатӣ имрӯз ё дирӯз пайдо нашудааст. Чи хеле ки дар ҳама давру замон, дар ҳама кишварҳо мавҷуд буд, дар Ӯзбекистон низ аҳолии камтаъмин, эҳтиёҷманд ҳаст.**

## КАМБИЗОАТИРО БО ТАДБИРҲОИ МУВАҚҚАТӢ БАРТАРАФ КАРДАН МУМКИН НЕСТ

Ёдовар мешавем, ки дар Муроҷиатномаи худ ба парлумон сарвари давлатамон гуфта буд, ки сатҳи камбизоатӣ дар кишвар тақрибан 12-15 фоизро ташкил медиҳад. Ин маънои онро дорад, ки 4-5 миллион нафар одамон сарчашмаи кофии даромад надоранд ва ба ҳифзи иҷтимоӣ эҳтиёҷ доранд. Тибқи таҳлилҳо, даромади рӯзонаи ин ҳамватанонамон аз 10-15 ҳазор сӯм зиёд набудааст ...

Мо дар бораи камбизоатӣ, коҳиш додани он бисёр гап мезанем. Рақам ва нишондиҳандаҳои дар ин самт бударо ҳамаҷониба таҳлил карда, тавсияҳо пешниҳод менамоем. Пас камбизоат воқеан кист? Барои муайян кардани он мо аз кадом меъёрҳо истифода мебарем?

Барои ин, пеш аз ҳама, қабули қонуни алоҳида оид ба мафҳуми камбизоатӣ, муайян кардани меъёрҳои муайянсозии он, яъне «сабади истеъмолӣ» ва «ҳадди ақалли зиндагӣ» зарур аст. То қонуни зарурӣ қабул гардида, эътибор пайдо накунад, барномаҳои паст кардани сатҳи камбизоатӣ самарабахш татбиқ намегарданд. Маблағҳои зиёд, саъю кӯшиш ва вақт зоеъ меравад. Чаро оилае дар вазъияти душвор қарор дорад? Кӣ ба кӯмак ниёз дорад? Ба ин суолҳо ҷавобҳои асоснокро наёфта, коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ осон нахоҳад шуд.

Дуруст, чораҳо оид ба паст кардани сатҳи камбизоатӣ таҳия шуданд, низоми пеш бурдани «Дафтарчаи оҳанин» ҷорӣ карда шуд. Аммо, мо бояд фаромӯш насозем, ки то миқдори ҳадди ақалли зиндагиро муайян накунем, дар коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ ба саддҳо рӯ ба рӯ шудан мегирем. Бо гузашти вақт ҳама кӯшишҳо беҳуда ва бесамар мегарданд.

Фраксияи мо дар палатаи поёнии парлумон лоиҳаи қонун ва консепсия «Дар бораи ҳадди ақалли зиндагӣ»-ро таҳия карда, ба ҳукумат пешниҳод кард. Гурӯҳи корӣ иборат аз депутатҳо, фаъолон ва коршиносон таҷрибаи хориҷиро дар самти муайян намудани «сабади истеъмолӣ» ва «ҳадди ақалли зиндагӣ» меомӯзанд ва таҳлил мекунанд.

Албатта, дар шароити кунунии пандемия маълум аст, ки дар танзими муносибатҳо дар ин самт як қатор мушкилот хоҳад буд. Дар шароити имрӯзаи иқтисодии мураккаб, татбиқи ин меъёр осон нест. Аммо роҳи дигари муқобил вуҷуд надорад. Ба ибораи дигар, ба фикрам, бо баҳонаҳои гуногун аз ба таъхир гузоштани қабули қонун «Дар бораи ҳадди ақалли зиндагӣ» суде нест.

**Шербек БӮРОНОВ,**
**аъзои фраксияи ҲХД Ӯзбекистон дар Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис.**

## ДАР САТРҲОИ МУХТАСАР

***Дар ҷамъомади видеоселекторие, ки 17 август Президент Шавкат Мирзиёев бахшида ба чорабиниҳо оид ба фароҳам овардани шароити муносиб барои шаҳрвандони Ӯзбекистон, ки дар хориҷа меҳнат мекунанд ва бурдани кори низомнок бо онҳо баргузор намуд, дар бобати пандемияи коронавирус таваққуф кард.***

Дар маҷлис таъкид ёфт, ки ба Ӯзбекистон 40 нафар мутахассисони баландмалака аз Русия ва 10 нафар аз Чин омада, ба минтақаҳои ҷумҳурӣ тақсим шудаанд.

Президент инчунин дар маҷлис таъкид кард, ки барои сабук намудани ҳаёти мардум, бо назардошти муроҷиати шаҳрвандон талаботи карантин нарм карда шуда, ҳамзамон эҳтимоли паҳн гардидани вирус бо назардошти дар ҷойҳои ҷамъиятӣ зиёд гардидани одамон ба андозаи назаррас меафзояд.

– Бояд интизоми қатъӣ қоидаи аввалдараҷа барои ҳама бошад. Дар корхонаҳо, ташкилотҳо, хоҷагии қишлоқ ва майдонҳои сохтмон, дар нақлиёт ва ҷойҳои ҷамъиятӣ инчунин ин талабот ҷиддан бояд риоя гардад, – гуфт Президент.

***

***Зери раёсати Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев 17 август ҷамъомади видеоселекторӣ бахшида ба фароҳам овардани шароити муносиб барои шаҳрвандоне, ки дар хориҷа меҳнат мекунанд ва ба низом даровардани кор ба онҳо баргузор гардид.***

Бояд гуфт, ки дар таърихи Ӯзбекистон ин масъала дар дараҷаи мазкур бори аввал муҳокима мегардад.

Ҳар сол ба бозори меҳнати Ӯзбекистон 600-700 ҳазор нафар қувваи корӣ илова мегардад. Ба туфайли чорабиниҳо дар заминаи инкишофи соҳаҳои иқтисодиёт ва минтақаҳо соле то 500 ҳазор ҷойи кор ба вуҷуд оварда мешавад. Аз ин бармеояд, ки қариб 200 ҳазор нафар аз ҳисоби муҳоҷирати меҳнатӣ дар хориҷа бояд бо ҷойи кор таъмин гарданд.

Солҳои охир барои ҳимояи ҳуқуқ ва беҳсозии шароити ҳаёти ҳамватанонамон дар хориҷа эътибори зиёд дода мешавад. Дар ин замина шартномаҳои байналхалқӣ доир ба муҳоҷироти меҳнатӣ бо Русия, Қазоқистон, Туркия, Ҷопон ва Аморати Муттаҳидаи Араб ба имзо расидааст. Фонди алоҳидаи дастгирии коргарон дар хориҷи кишвар ба вуҷуд омада, ба ин мақсад беш аз 100 миллиард сӯм ҷудо карда шудааст. Доир ба муҳоҷирати меҳнати хориҷӣ вазифаи мушовири Сарвазир таъсис гаштааст.

Ба вазорат ва ташкилотҳои дахлдор натанҳо тайёр намудани шахсоне, ки ба хориҷа барои меҳнат рафтан мехоҳанд, балки шахсоне, ки аз муҳоҷирати меҳнатӣ баргаштаанд, кӯмак расондан супурда шуд. Ҳамчунин дар бобати расмигардонии равуои ҳамватанонамон содда намудани тартиб баррасӣ гардид.

Бояд гуфт, ки ҳамагӣ 4,5 ҳазор нафар муҳоҷирони меҳнатӣ дар рӯйхати дарёфткунандагони собиқаи корӣ ба қайд гирифта шудаанд. Ба шахсони масъул супурда шуд: низоме, ки барои шахсони худро бо шуғл фарогирифта иртибот дорад, ба муҳоҷирони меҳнатӣ низ ҷорӣ карда шавад.

***

***Бо мақсади дастгирии соҳибкорӣ, ба вуҷуд овардани ҷойҳои нави кор ва афзудани даромади аҳолии вилояти Хоразм бо роҳи минбаъд босамар истифода намудани потенсиали мавҷудаи саноатӣ ва истеҳсолӣ, ба вуҷуд овардани иқтидорҳои нави истеҳсолӣ, васеъ ҷалб намудани сармоя ба минтақа ва такомули инфрасохтор қарори Президент «Дар бораи чорабиниҳо оид ба инкишофи соҳибкорӣ дар вилояти Хоразм ва баланд бардоштани ҷолибияти инвеститсионии он» имзо гардид.***

Бинобар ин қарор чандин ширкати сармоягузорӣ ширкати сармоягузории ҶММ «Khorezm Invest Project»-ро таъсис медиҳад.

Вазифаҳои асосии ширкати сармоягузорӣ таҳия намудани асосҳои техникӣ-иқтисодии лоиҳаҳои сармоягузорӣ, ҷалби сармоягузорони дохилӣ ва хориҷӣ барои татбиқи лоиҳаҳо дар вилояти Хоразм муайян гаштаанд.

Сармояи аслии ибтидоии ширкати сармоягузорӣ дар андозаи муодил ба 30 миллион доллари амрикоӣ муқаррар гаштааст ва минбаъд то ба муодили 100 миллион доллар расондани он ба ҳисоб гирифта шудааст.

Ба амал татбиқ намудани 84 лоиҳаи сармоягузорӣ ба қимати умумии 2,2 триллион сӯм дар вилояти Хоразм дар солҳои 2020-2022 тасдиқ гаштааст.

Дар муҳлати се моҳ таҳия намудани бизнес-плани 26 лоиҳаи истиқболноки бузурги сармоягузорӣ дар асоси стандартҳои байналхалқӣ муқаррар гаштааст.

Бинобар ин қарор инчунин ба минтақаи иқтисодии озоди «Ҳазорасп» намояндагиҳои дипломатии Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар кишварҳои хориҷӣ вобаста карда шудаанд.

БА ПЕШВОЗИ 29-УМИН СОЛГАРДИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ҶУМҲУРИИ ӮЗБЕКИСТОН

## ӮЗБЕКИСТОН – МУҲИМТАРИН ҲАЛҚАИ СУБОТИ МИНТАҚА

***Дар Ӯзбекистон сарфи назар аз шароити мураккаби пандемия лоиҳаҳои бузурги бунёдкорӣ амалӣ мегарданд. Хусусан, соҳибкорӣ авҷ гирифтааст. Дар ҷараёни татбиқи амалии лоиҳаҳо эътибор ба омили инсонӣ, хусусан ба таъмини сулҳу субот, таҳаммул дар муносибати байни миллатҳо ва конфессияҳои динӣ ҳеҷ гоҳ суст нашудааст. Зеро ҳар гуна нақшаву ниятҳои нек дар сурате самар медиҳанду ҷомаи амал мепӯшанд, ки дар кишвар сулҳу осоиш барқарор бошад. Ин гуна омил табиист, ки ба обрӯву эътибори байналмилалии Ӯзбекистон, иштироки он дар ҷараёнҳои интегратсионӣ таъсири мусбат мерасонад.***

Инак, беш аз се сол аст, ки авзои минтақавӣ, муносибатҳои байни давлатҳои Осиёи Марказӣ беш аз пеш рӯ ба беҳбудӣ оварда, риштаҳои дӯстиву ҳамкориҳои судманд мустаҳкам мешаванд.

***

Чанд рӯз пеш дар маркази ноҳияи Риштони вилояти Фарғона бинои "Хонаи дӯстӣ"-и ӯзбекону тоҷикон ба истифода супурда шуд. Бино хеле назаррабо, дар асоси анъанаҳои меъмории миллии хоси ин халқҳои бародар, намунаҳои беҳтарини кандакорӣ қад рост кардааст. Умедворем, ки ин кошона дар асл ҳам макони рӯҳияти дӯстиву бародарии сокинони на фақат ин ноҳия, балки дигар қисматҳои вилояти Фарғона, ки дар он ҷоҳо низ тоҷикон камшумор нестанд, хоҳад шуд.

Риштон аз азал як гӯшаи дилфиреби Ӯзбекистон аст, ки дар он ӯзбекону тоҷикон ҳампаҳлӯ, дар муҳити бародарӣ аҳлона зиндагӣ карда, ҳунармандӣ-кулолиро ба дараҷаи санъат баровардаанд. Вай бо фарзандони ҳунармандаш халқҳои моро машҳур кардааст. Аз ҷумла, онҳо ба инкишофи илму маданияти ду халқ хидматҳои назаррас кардаанд. Ҳунарпешаи халқии СССР Муҳаммадҷон Қосимов, ки соли 1907 дар Риштон дар оилаи саҳҳоф ва хаттот ба дунё омада буд, соли 1931 ба Душанбе рафта, ҳамчун яке аз саромадони театри тоҷик пурмаҳсул эҷод кард. Ӯ дар даҳҳо филмҳои тоҷикӣ (Зол дар "Достони Рустам", Кова дар "Парчами оҳангар", Саҳл ибни Мансур дар "Қисмати шоир") ва ӯзбекӣ (соли 1949) дар асари саҳнавии "Алишери Навоӣ" нақши Ҳусайн Бойқаро, дар песаи "Бой ва хизматгор" (1957) нақши Солеҳбой, дар намоишномаи "Сӯзанаи шоҳӣ"-и Абдулло Қаҳҳор (1953) нақши Мавлонро моҳирона иҷро кардааст. Хушбахтона, чунин мисолҳоро аз сарнавишти фарзандони маъруфи Риштон бисёр зикр кардан мумкин аст. Ҳамин гуна ҳолат дар таърихи ноҳияи Чуст низ мушоҳида мегардад.

***

Тахминан наздики яку ним сол пеш хабарнигори Би-Би-Си Бен Тавенер ба Ӯзбекистон омада буд. Ӯ дигаргуниҳои азимро бо чашмони худ дида, таассуроташро чунин баён кардааст: "Ҳама гуна монеаҳоро бартараф кардан ҳамеша воқеаи мусбӣ ба ҳисоб меравад.

(Давомаш дар саҳ.2).



*Дар ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Само тикув сервис»-и ноҳияи Уйчии вилояти Намангон либосҳои мӯди охирини мардона: палто, пиҷак ва шиму костюм дӯхта мешаванд.*

*Дар корхонае, ки фаъолияташро бо чор нафар дӯзанда шурӯъ карда буд, ҳоло беш аз 100 нафар меҳнат мекунанд. Аз ин миқдор 80 фоизашон занону духтаронанд.*

*Корхона дар бозори дохилӣ ҷойгоҳи худро пайдо намуда, ҳоло маҳсулоташро ба кишварҳои ИДМ содир мекунад. Соли равон ба Қазоқистон ва Қирғизистон ба миқдори 280 ҳазор доллари ИМА маҳсулот содир карда шуд.*

*Дар корхона ба мақсади вусъат додани ҳаҷми истеҳсолот, лоиҳае, ки 5 миллиард сӯм арзиш дорад, ба амал татбиқ мегардад. Баъди татбиқи лоиҳа 120 ҷойи нави корӣ фароҳам оварда мешавад. Дар ниҳояти кор маҳсулоте, ки 1 миллион доллари ИМА арзиш доранд, ба содирот баровардa мешаванд.*

***Дар акс:** дар корхонаи мазкур.*

***Аксбардор: Ҳ. МАМАДАЛИЕВ (ӮзА).***

## ИҶЛОСИЯИ ШӮРОИ ДЕПУТАТҲОИ ХАЛҚ БАРГУЗОР ШУД

Иҷлосияи XIV-уми Шӯрои депутатҳои халқи вилояти Фарғона ба тарзи онлайн гузашт.

Дар ин бора дафтари матбуоти ҳокимияти вилоят иттилоъ дод.

Ба сифати масъалаи асосии рӯзномаи иҷлосия маърӯзаи раиси Сенати Олий Маҷлис Танзила Нарбаева шунида шуд. Ин маърӯза талқини вазифаҳоеро ҳадаф қарор дода буд, ки 12 август Президент Шавкат Мирзиёев дар ҷамъомади видеоӣ оид ба пандемия дар миён гузоштааст.

Танзила Нарбаева комиссияи махсуси ҷумҳурӣ оид ба пешгирӣ аз паҳши пандемияро вазифадор намудааст, ки зимни барқарор намудани фаъолияти ҳамаи соҳаҳо зарурати риояи қоидаҳои санитариву эпидемиологӣ ба таври қатъӣ таъмин гардад.

Ҳамзамон ташкили марказҳои реабилитатсионӣ барои шахсоне, ки баъди сирояти пандемия саломатии худро барқарор намудаанд, масъалаҳои дигари марбут ба беҳбуди ҳолати эпидемиологӣ аз вазифаҳои муҳиме арзёбӣ гардиданд, ки иҷрои он барои ҳар як роҳбари ташкилоту муассиса ногузир хоҳад буд.

Дар иҷлосия директори Маркази ҷумҳуриявии илмӣ-амалии педиатрия, профессор Дилором Аҳмедова перомуни қоидаҳои карантин ҳарф зад. Барои ҳамин шаҳрвандонро зарур аст, ки қоидаҳои карантинро риоя кунанд ва дар чунин шароити пандемия кору зиндагӣ карданро омӯзанд.

Сардори садорати тандурустии вилоят Одилҷон Умаров дар ин иҷлосия ба аҳолии вилоят муроҷиат карда, аз онҳо даъват намуд, ки риоя намудани қоидаҳои карантин дар беҳбуди вазъи эпидемиологӣ хеле зарур мебошад.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири "Овози тоҷик" дар вилояти Фарғона.**

## БОҒИ ИНТЕНСИВИ ОИЛА

***Истифодабарии самаранок аз қитъаҳои наздиҳавлӣ имконият медиҳад, ки на фақат дастархони хонадон файзнок бошад, балки он баҳри ҳалли масъалаҳои иқтисодии оила низ кӯмак мерасонад.***

Хусусан имрӯз дар шароити пандемия мавқеи он ҷудогона аст. Инро дар мисоли оилаи истиқоматкунандагони маҳаллаи «Шӯрча»-и ноҳияи Ромитан Юнус Розиқов ва Шаҳноза Худоёрова ба хубӣ дидан мумкин аст. Зеро онҳо чанд сол аст, ки аз 11 сотих замини назди ҳавлӣ табъи дил истифода бурда, ободии рӯзгорашонро таъмин месозанд. Ду сол муқаддам деҳқонон дар майдончаи атрофи ҳавлӣ 350 бех ниҳоли себи интенсив шинонда буданд, имсол аҳли оила аз аввалин меваҳои он баҳраманд гардиданд. Нигоҳубини табъи дил имкон медиҳад, ки ҳар як ниҳол дар оянда то 30 килограмм ҳосил диҳад. Меҳнатдӯстони чашмикордон байни қаторҳои ниҳол сабзавоту маҳсулоти полиз корида, на фақат эҳтиёҷоти худро қонеъ мегардонанд, балки ба ҳамдеҳагон низ кӯмак мерасонанд. Се нафар фарзандони навраси оила, аллакай, мададгори падару модар шудаанд.

**А. АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.**

# ЎЗБЕКИСТОН – МУҲИМТАРИН ҲАЛҚАИ СУБОТИ МИНТАҚА

(Аввалаш дар саҳ.1).

Виза (раводид) айнан аз ҷумлаи ҳамин гуна монеаҳо буд. Ба Ўзбекистон на бо назардошти 20-25 сол муқаддам, балки ба тағйироти ду соли охир бояд баҳо дод. Воқеан, дар ду соли охир дар ин кишвар бисёр корҳо ба сомон расиданд".

Ин иқдоми нек, хусусан барои мардумони Ўзбекистону Тоҷикистон, ки солҳо ба дидори якдигар муштоқ буданд, ҳодисаи таърихӣ гардид. Ин мавзўи дигар аст. Ҳоло, мутаассифона, бар асари пандемия башарият дар чанголи азобу уқубат мебошад. Ин офате, ки сарҳадро намедонад, сарҳадҳои моро баст. Дар чунин вазъият баъзе кишварҳо бо пандемия танҳо рў ба рў омаданд, бо таъбири дигар "ҳар кас қолинро худаш аз об бароварданист".

Дар чунин шароити ногувор Ўзбекистон сиёсати минтақавиашро тағйир надод. Чанде пеш веб-сайти "Azia-Plus" хабар дод, ки соли 2020 дар шароити пандемия Ўзбекистон аз ҷумлаи давлатҳоест, ки ба Тоҷикистон бештар кўмаки инсонпарварӣ расонидааст. Саҳми Ўзбекистон 17,4 фоизро ташкил менамояд. Бевосита бо ташаббуси Президент Шавкат Мирзиёев 9 апрел, 8, 29 май бори инсонпарваронаи иборат аз воситаҳои тиббӣ, орд, дору ва ғайра ба Душанбе фиристода шуд. Як гурўҳи шифокорони ўзбекистонӣ барои кўмак ба ҳамкасбони тоҷики худ чанд муддат дар Тоҷикистон кор ва мубодилаи таҷриба намуданд. Дар навбати худ, ҳангоме ки ба сари мардуми вилояти Сирдарё бар асари кўчиши сарбанди обанбори Сардоба рўзи сахт омад, 20-уми май бо супориши сарвари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба сирдарёиҳо 51 вагон масолеҳи муҳими сохтмон фиристода шуд. Бузургон беҳуда нафармудаанд:

***Дўст он бошад,***
***ки гирад дасти дўст,***
***Дар парешонҳолию***
***дармондагӣ.***

Ўзбекистон кўмаки инсонпарвариро инчунин ба Қирғизистон, Афғонистон, Эрон, Хитой фиристод ва ин кўмак, фикр мекунем, каме бошад ҳам, ба дарди мардумони ба мо бародар марҳам шуд.

Ўзбекистон дар вазъияти шадиди эпидемиологӣ низ барои воситаҳои нақлиёти транзитии мамлакатҳои ҳамсоя аз ҳудудаш монеъгӣ ба амал наовард. Соҳибкорон ҳам мисли пешина мубодилаи молро давом медиҳанд.

Президент Ш.Мирзиёев бо ҳамаи сарварони кишварҳои ҳамсоя мунтазам аз тариқи телефон гуфтугў намуда, оид ба масъалаҳои мубориза зидди сирояти коронавирус, раҳо кардани иқтисодиёт аз буҳрон, инчунин инкишофи ҳамкориҳо дар соҳаҳои муҳими гуманитарӣ мубодилаи афкор мекунад.

Хусусан, бо шарики стратегӣ — Ҷумҳурии Қазоқистон муносибатҳо сол аз сол қавӣ мегарданд. Соли 2019 дар Ўзбекистон "Соли Қазоқистон" хеле хуб гузашт. Ду ҷониб имконияти дар соли 2020 то ба 5 миллиард доллари ИМА расонидани ҳаҷми савдо, мубодилаи молро доранд. Робитаҳои ҳамкорӣ, хусусан дар соҳаҳои обу энергетика, нафту газ, коммуникатсия хуб мешаванд. Бино ба хулосаи маркази таҳлили муносибатҳои байналмилалии Chatham House (Британияи Кабир) дар бораи нақши Ўзбекистон дар ҷараёнҳои интегратсионӣ "раҳбари нав Шавкат Мирзиёев барои гарм кардани муносибатҳои Ўзбекистон бо давлатҳои ҳамсоя пешниҳоди худро гуфта, ба иҷрои вазифаи президентӣ оғоз намуда буд. Ў ба сиёсати протексионизми Каримов барҳам дода, ба бештар аз 30 намуди гурўҳи мол гумруки импорт (воридот)-ро бекор кард. Ҳамин тариқ, муносибатҳо бо давлатҳои ҳамсоя аз сиёсат ва мафкура холӣ шуд, барои фаровон кардани бозори Ўзбекистон роҳ кушод". Ин мавзўъ, хусусан 22-юми июни соли ҷорӣ зимни гуфтугўи телефонии Шавкат Мирзиёев бо Президенти аввалини Ҷумҳурии Қазоқистон — Элбаси Нурсултон Назарбоев мавриди муҳокима қарор гирифт. Ҳукумати ду мамлакат дар ин роҳ чораҳо меандешанд. Бештар аз даҳ лоиҳаи муштарак устуворона татбиқ карда мешаванд. Мисоли рўшани ҳамкорӣ 27 марти соли 2020 дар шаҳри Қўстанайи Қазоқистон оғоз ёфтани истеҳсоли автомобилҳои UzAuto Motors бо бренди Chevrolet аз тарафи ширкати "СариаркаАвтоПром" аст.

Соли гузашта Ўзбекистон ба Қирғизистони ҳамсоя барои ҳимояи иқтисодиёти ин мамлакат 100 миллион доллар кредит ҷудо намуд. Бояд гуфт, ки ин кишвар барои ба бозори давлатҳои бузурги Осиё баровардани маҳсулоти Ўзбекистон имкониятҳои калони транзитӣ дорад. Масалан, барои пайвастани бозори Ўзбекистон бо Чин ба воситаи Қирғизистон тай кардани ҳамагӣ 300 километр кифоя аст. Дар ин бобат қадамҳои далерона гузошта шуданд. Агар ин роҳ ба кор дарояд, на фақат бо Хитой, балки бо чандин давлати Шарқи Наздик, Аврупо ва Осиё низ лоиҳаҳои хубро метавон ҷомаи амал пўшонид. Ин танҳо як мисол аст, ки Ўзбекистон бо кишварҳои ҳамсоя дар таъмини сулҳу субот, ҳамсоягии нек ва албатта, бо назардошти манфиатҳои дуҷониба ва серҷониба амалӣ менамояд.

Ба ҳамин гуна мақсадҳои нек муносибатҳоямон бо Туркманистон ҳам рушд меёбанд. 29-уми ноябри соли 2019 Президенти Туркманистон Гурбангулӣ Бердимуҳамедов дар асной Мулоқоти машваратии раҳбарони давлатҳои Осиёи Марказӣ ва ташрифи расмиаш аз мустаҳкам шудани муносибатҳо ба Ўзбекистон дар рўҳи ҳамсоягии нек ва шарикии стратегӣ, пешомадҳои лоиҳаҳои муштарак дар соҳаи газ, амалиётҳои содирот-воридот, кишоварзӣ, нақлиёт бо мамнуният ҳарф зад.

Оре, Ўзбекистон тайи се соли охир ба ҷараёнҳои қаробати минтақавӣ такон бахшид. Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев зимни суханронӣ дар конфронси байналмилалии воқеъ дар шаҳри Самарқанд "Осиёи Марказӣ: таърихи ягона ва ҳамкорӣ дар роҳи ояндаи умумӣ, рушди босубот ва тараққиёт" аз ҷумла қайд карда буд: "Осиёи Марказӣ минтақаест, ки дар ҳақиқат имкониятҳои нодир ва салоҳияту иқтидори бузурги ҳанўз истифоданашуда дорад. Таъмини тараққиёти мустаҳкам, субот ва беҳбудӣ барои мо вазифаи муштаракест, ки бояд якҷо ба он ноил гардем".

Ўзбекистон на фақат бо кишварҳои минтақа, балки дар чорчўбаи Шўрои ҳамкории давлатҳои туркӣ, аз ҷумла бо Туркия, Озарбойҷон робитаҳои тиҷоративу иқтисодиро беш аз пеш мустаҳкам менамояд.

2-юми августи соли ҷорӣ Президенти муҳтарам Шавкат Мирзиёев бо Президенти Ҷумҳурии Исломии Афғонистон Ашраф Ғанӣ мулоқоти телефонӣ дошт. Дар асной мулоқот оид ба масъалаҳои ҳамкории дуҷониба ва минтақавӣ мубодилаи афкор ба амал омад. Ўзбекистон чандин лоиҳаҳои азими иқтисодию коммуникатсиониро дар Афғонистон татбиқ мекунад. Инро кишварҳои бузурги дунё ҳам эътироф кардаанд. Лоиҳаи энергетикии "Сурхон — Пули Хумрӣ", дар Афғонистон ба вуҷуд овардани гузаргоҳи нақлиётӣ ва роҳи оҳан аз ҷумлаи онҳост. Дар соҳаи таълим ва маданию инсонпарварӣ қадамҳои мушаххаси амалӣ гузошта шуданд.

Аммо барои татбиқи амалии ҳар гуна лоиҳаи бузург, мақсаду ниятҳои нек, пеш аз ҳама, таъмини сулҳу субот дар Афғонистон зарур аст. Дар ин бобат Ўзбекистон ҳама гуна қувваи ба сулҳ хайрхоҳро дар хоки Афғонистон ва берун аз он дастгирӣ мекунад. Конфронси байналмилалии Тошканд ҳанўз аз ёди коршиносон (моҳи марти соли 2018) нарафтааст. Зиёда аз ин 29 ноябри соли 2019 дар Мулоқоти машваратии раҳбарони давлатҳои Осиёи Марказӣ Президент қайд кард, ки таъмини сулҳ ва ба роҳи тараққиёт дохил шудани Афғонистон барои тамоми минтақа муҳим аст.

Маҳз, ба ҳамин ният чанд сол пеш бо кўмаки мутахассисони Ўзбекистон роҳи оҳани барои иқтисодиёти Афғонистон хеле муҳими "Ҳайратон – Мазори Шариф" сохта шуд. Акнун Ўзбекистон дар иҷрои лоиҳаи сохтмони роҳи оҳани "Мазори Шариф – Кобул – Пешовар", "Мазори Шариф — Ҳирот" фаъол иштирок карданист. Лоиҳаи дигар эҷоди роҳи оҳани "Мазори Шариф – Шибирғон – Маймана – Ҳирот" низ барои тамоми минтақа муҳим мебошад. Ҳамин тариқ, ба ҷараёни интегратсионӣ ҷалб кардани Афғонистон барои ҳалли муаммоҳои дохилии ин кишвар худ аз худ ҳамчун омили бузург хизмат хоҳад кард.

***

Аслан сарзамини Ўзбекистони имрўза, Мовароуннаҳри бостонӣ аз қадимулайём то ин замон баробари гаҳвораи тамаддуни ғанӣ, анъанаҳои хоси маърифатию динӣ будан ҷойи мулоқоти тамаддунҳо, гуфтугўйҳои сулҳомезона ва хайрхоҳона будааст. Инро таърихи мозӣ ва имрўз хуб медонад. Имрўз кору вазифаи ба он рўҳ, маъно ва моҳияти нав бахшидан дар зиммаи мост. Яъне, Ўзбекистон омили муҳими суботу ҳамкории минтақавӣ буд ва чунин боқӣ мемонад.

**Шоқаҳҳор САЛИМОВ,**
**шореҳи сиёсӣ.**



*Соли равон бо ташаббуси ҶММ «Азизбек Асилбек Агроинвест»-и ноҳияи Навбаҳори вилояти Навоӣ корхонаи кластери харгўшпарварӣ ба кор шурўъ кард.*
*Дар корхонаи мазкур, ки иқтидори солонааш парвариши 60 сар харгўш мебошад, 8 нафар бо шуғл фаро гирифта шуданд. Харгўшҳое, ки барои гўшт парвариш меёбанд, дар тўли 90 рўз ба ҳисоби миёна то 3-3,5 кг вазн пайдо мекунанд. Маҳсулоти парҳезии корхона ба бемористонҳо, муассисаҳои таълимӣ ва аҳолӣ интиқол дода мешавад.*
***Дар акс:*** *дар ҶММ мазкур.*
***Аксбардор: С.АСЛОНОВ (ЎзА).***

# БЕМОРХОНА БАРҚАРОР ГАШТ

***Таҳти қарори Комиссияи махсуси ҷумҳуриявӣ аз 6 июли соли равон ходимони тиббиёти беморхонаи касалиҳои сирояткунандаи рақами сеюми пойтахт ба пуррагӣ баҳри фаъолият дар касалхонаи навбунёд воқеъ дар ноҳияи Зангиато ҷалб шуда буданд.***

Духтуроне, ки сафарбар шуданд, дар мубориза алайҳи «душмани ба чашм нонамоён» фидокорӣ намоиш доданд. Инак, вақте фаро расид, ки онҳо ба коргоҳи пештараашон баргарданд. Бо баҳисобгирии барқароршавии вазъияти эпидемиологӣ ва бо мақсади баланд бардоштани сифату самараи хидматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ фаъолияти беморхонаи касалиҳои сирояткунандаи зикршуда аз нав барқарор гашт. Ходимони тиббӣ баробари иловапулиҳо музди меҳнати барояшон муайяншударо пурра гирифтанд, хабар медиҳад шуъбаи робита бо ҷамъияти Вазорати нигаҳдории тандурустӣ. Чанд нафар шифокорон асной мулоқот бо беморон коронавирусро ба худ сироят кунонда буданд. Солимии онҳо имрўз барқарор ва аз 15 август дар коргоҳи пештараашон фаъолиятро давом медиҳанд.

**М.ШОДИЕВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**

**Таърих борҳо ба собит расонидааст, ки дар пешрафту тараққиёти ҷамъият нақши шахс бузург аст. Аз дурустии ин категорияи фалсафӣ хулосае бармеояд, ки ҳар шахси ташаббускор, ҷўянда, серғайрату серҳаракат метавонад бо кору амалу тадбирҳои дурандешонааш аз худ нақше гузорад. Ҳоло мо дар ин мақола дар хусуси фаъолияти Ҷамъияти саҳҳомии "Шарғункўмир"-и шаҳри Шарғун ва чораҷўиҳои роҳбари кунунии он, марди чашмикордон Ҳамза АБДУЛЛОЕВ ҳарф заданием.**



# КОМЁБИҲОИ НАЗАРРАСИ КОРХОНАИ «ШАРҒУНКЎМИР»

Маълум, ки кони ангишти Шарғун ҳанўз дар даврони Иттиҳоди Шўравӣ бо истеҳсоли ангишти босифат дар ҷануби Ўзбекистон яке аз корхонаҳои пуриқтидор ба ҳисоб мерафт. Дар солҳои истиқлолият низ ин кони ангишт нобаробар фаъолияти хешро пеш бурд. Яъне гоҳ рушд менамуду гоҳе фаъолияташ суст мегардид. Баъдан бо тақозои замон барои роҳандозӣ намудани фаъолияти корхона 10 ноябри соли 2017 ба тасарруфи ҶС "Ўзбекистон темир йўллари" гузашт. Дар моҳи марти соли 2019, вақте ки Раисҷумҳур Шавкат Мирзиёев ҳини сафари худ ба Сурхондарё аз шаҳри Шарғун дидан намуду ба тамоман тағйир додани симои шаҳр дастур дод, аз нав реконструксия ва модернизатсия намудани корхонаи мазкур низ пурра ба нақша гирифта шуд. Бо қатъият ба ободонии шаҳр 30 апрели соли гузашта пойдевори мустаҳкам гузошта шуд. Мебоист дар ҳамин замина ба реконструксия ва модернизатсияи кони ангишти Шарғун низ камари ҳиммат баста мешуд. Вале бо чандин сабаби аёну ноаён фаъолияти корхона ҳамоно ба таври бояду шояд пеш нарафт. Ниҳоят, муҳайё набудани шароити кор, камии музди меҳнат ба норозигии коргарон оварда расонд. Дар кони ангишт қариб 500 нафар кор мекунанд. Муроҷиату эътирози 200 нафар коргарон сабаб шуд, ки 14 августи соли 2020 гурўҳи мутахассисон аз ҶС "Ўзбекистон темир йўллари" омада, вазъиятро омўхта, корхонаро тафтиш намоянд ва дар натиҷа 26 август 9 нафар ходимони масъули корхона аз вазифа сабукдўш гардиданд. Ба таъбире, то вақте ки корхона роҳбари ҳақиқии худро наёфт, ба пешравӣ замина ҳам ёфт нашуд.

Ниҳоят, моҳи феврали соли ҷорӣ ба корхона Ҳамза Абдуллоев, ки қаблан дар ҶС "Ўзбекистон темир йўллари" ҳамчун роҳбари Саридораи ташкили кори саноат ва фаъолияти тадқиқоти илмӣ кор мекард, ба вазифаи сардиректорӣ таъин гардид. Баъд аз ин фаъолияти корхона бо суръат рушд намуд. Ҳамза Абдуллоев, ки роҳбари чашмикордон асту соҳаи худро хуб мефаҳмад, бо дониш ва ақлу заковати хеш корхонае, ки ба инқироз рў ба рў шуда буд, аз ҳолати вазнин баровард. Бо баробари кандану истеҳсоли ангишт, истеҳсолоти нав ба нав ҷорӣ намуда, ҷойҳои нави корӣ, шароити хуби меҳнатӣ ташкил карда, коргаронро атрофи худ муттаҳид сохт. Мутахассисони ташаббускорро ҷалб намуд.

## БУНЁДИ ЗАВОДИ МЕХАНИКА

Дар айни замон дар шароити пандемия бо риоя намудани тартибу қоидаҳои карантин дар «Шарғункўмир» корҳои бунёдкорӣ бо суръат пеш бурда мешаванд. Нақшаҳоро ҶММ "Тоштемирйўллоиҳа» зина ба зина амалӣ месозад. Бо аз нав таъмир намудани яке аз биноҳо заводи механика бунёд карда шуд. Роҳбари тадбирандеш аз корхонаи Ҷамъияти саҳҳомии "Тошкент механика заводи" ва корхонаи унитарии "Андиҷон механика заводи", ки дар тасарруфи ҶС "Ўзбекистон темир йўллари" мебошанд, 10-то дастгоҳи гуногуни пуриқтидор оварда устувор намуд. Дар натиҷа дар тасарруфи ҶС "Шарғункўмир" ҶММ "Шарғун механика заводи" бунёд ёфта ба фаъолият шурўъ намуд ва он дар қадами аввал ҳоло маҳсулоти метал истеҳсол карда истодааст. Дар ин завод 17 нафар бо кор таъмин карда шуданд. Масъулон дар оянда доираи фаъолияти заводро боз ҳам васеъ намуда, ҷойҳои нави корӣ ташкил карда, маҳсулотҳои эҳтиёҷи мардум истеҳсол намуданро ба нақша гирифтаанд.

## СЕХИ ДЎЗАНДАГӢ БАРПО ШУД

ҶММ "Тоштемирйўллойиҳа" бо ҳамкории яке аз тадбиркорони маҳаллӣ 30 дона дастгоҳи дўзандагӣ оварда, сехи дўзандагӣ бунёд сохт. Аз рўи гуфтаи раҳбари сех Даврон Хурсандов дар ин коргоҳ 100 нафар бо кор таъмин гардиданд. Аксари онҳо ҷавонон мебошанд. Дар сехи мазкур кор дар се баст ташкил карда шудааст ва он барои коргарони ҶС "Шарғункўмир" корҷома медўзад.

## "ШАРҒУН БРИКЕТ" ИНТИЗОРИ ХАРИДОРОН АСТ

Корхонаи нави ҶММ "Шарғун брикет"-ро низ ҶММ "Тоштемирйўллойиҳа" зина ба зина бунёд месозад. Ҳоло бунёди корхона дар арафаи анҷомёбист. Қисми пўшидани бом ва корҳои пардоз мондаасту халос. Дастгоҳҳо устувор карда шудаанд. Бо мақсади хушсифат (зичии маҳсулот дар назар аст) истеҳсол намудани ангишти брикет бо ҶММ "Кимёвий технология" шартнома низ ба имзо расидааст. Ҳоло барои ба фурўш баровардани маҳсулот бо корхонаҳои маҳаллӣ шартномаҳо баста мешавад, эҳтиёҷу талаботи аҳолӣ низ дар ин боб таъмин мегардад. Дар айни замон ба ҳисоби миёна дар ду басти корӣ 4,5 тонна ангишти брикет дар як рўз истеҳсол карда мешавад.

## КАНДАНИ АНГИШТ ВА ВАСЕЪ НАМУДАНИ ИСТЕҲСОЛОТ

Дар соли 2020 ҶС "Шарғункўмир" аз рўи нақшаи пешбинишуда дар ҳаҷми 25 млн. доллари ИМА (аз он 2,4 млн. маблағ ҳиссаи корхона ва 22,6 млн. ҳиссаи қарзи Эксимбанки Чин) бояд маҳсулот истеҳсол кунад. Дар айни ҳол натиҷаҳо қаноатбахшанд. Дар моҳҳои январ-апрели соли ҷорӣ аз рўи нақшаи пешбинишуда бояд 6,5 млн. доллари ИМА (аз он 1,4 млн. маблағ ҳиссаи корхона ва 5,1 млн. маблағи заёми Эксимбанки Чин) маҳсулот истеҳсол карда мешуд ва ин нишондод пурра амалӣ гардид. Дар асоси шартнома дар ин муддат 300 тонна ангишти босифат ба Покистон низ содир карда шуд. Аз ҳисоби даромад боз фаъолияти корхонаро такмил дод. Дар чоряки дуюм бошад, бо сабаби карантин нақшаҳо пурра амалӣ нашуда бошад ҳам, кор бо мароми хеш идома дорад.

## АҲОЛИИ МАҲАЛЛА — МАМНУН

Зикр кардан ҷоиз аст, ки дар ин кони ангишт бештар аҳолии маҳаллаи "Бойсунобод" кор мекунанд. Ин мардуми меҳнатдўст замоне аз деҳаҳои ноҳияи Бойсун кўчида омада, ҳоло муқимӣ шудаанд. Дар кандани ангишт таҷрибаи бой доранд (дар Бойсун низ кони ангишти Тўда мавҷуд). Раиси маҳалла Ҳикмат Мирзоев аз номи бошандагон ба раҳбарияти корхона изҳори миннатдорӣ намуд.

– Сокинони маҳаллаамон аз корхонаи ҶС "Шарғункўмир" хеле сипосгузоранд, – гуфт ў зимни суҳбат. – Зеро 80 фоизи коргарон аз маҳаллаи мо буда, аз ҳисоби корхона зиндагии хешро пеш мебаранд. Корхона барои ободии маҳаллаамон бисёр корҳои хайрро ба сомон расонид. Қабристон обод карда шуд. Роҳҳо мумфарш гардиданд. Чанд моҳ пеш дар таъмири кўпруки маҳалла низ кўмак намуд. Инчунин, дар шароити душвори пандемия шахсан бо ташаббуси роҳбари корхона ба оилаҳои мўҳтоҷу дармонда маҳсулоти хўроквории тақсим карда шуд. Мо ҳамеша дар дуои ин марди саховатпеша ҳастем.

## КОРҲОИ ҲОМИГИИ КОРХОНА

Роҳбарияти корхона бо ҳамкории иттифоқи касаба 1 июн ба муносибати Рўзи байналхалқии кўдакон аз ҳолу аҳволи ҷавонони муҳтоҷи аз 7 то 15-сола, ки падару модарашон замоне дар ин корхона кор кардаанду ҳоло дар ҳисоби ҷамъияти ногиронон меистанд, тухфаҳо дод.

Инчунин, баҳри иҷрои Фармони Президент аз 3 апрели соли 2020 "Дар бораи чораҳои иловагӣ барои дастгирӣ намудани соҳоти иқтисодиёт ва субъектҳои соҳибкорӣ дар давраи пандемия" ва дар асоси фармоиш аз 15 апрели соли 2020-и раиси раёсати ҶС "Ўзбекистон темир йўллари" ба манзили 55 нафар оилае, ки солҳои зиёд дар ин корхона кор карда ҳоло ба нафақа баромадаанд ва оилаҳое, ки ҳозир кор мекунанду ба ҳимояи иҷтимоӣ муҳтоҷанд, кўмаки моддӣ расониданд.

Хуллас, комёбиҳо назаррасанд. Роҳбарият бо ҳаракати сардиректор Ҳамза Абдуллоев барои боз ҳам васеъ намудан ва ривоҷонидани корхона пайваста дар талош. Дар оянда аз рўи зарурият ва талаботи аҳолӣ маҳсулот истеҳсол намуданро пеши худ мақсад кардаанд. Аз ҷумла, дар оянда истеҳсоли маҳсулоти бинокорӣ: оҳак, карбид, рангҳои фасад, хишти пухта, оҳану бетон ва дигар воситаҳои техникии рўзгорбоб истеҳсол карданианд. Инчунин, анбори нигаҳдории сабзавоту меваҷот низ сохта, фаъолиятро серсоҳа, даромадро зиёд, зиндагии коргаронро фаровон намуда, дар пешравии иқтисодиёти кишвар боз ҳам бештар саҳмгузор шуданӣ ҳастанд.

**Олим ПАНҶИЗОДА,**
**мухбири «Овози тоҷик» дар вилояти Сурхондарё.**

# АКАДЕМИК МУҲАББАТ АБИДОВА



Илму фани Ўзбекистон талафоти калон дод.

17 августи соли 2020 дар синни 89 олими машҳур дар соҳаи технологияҳои кимиёвӣ, академики Академияи илмҳои Ўзбекистон Муҳаббат Абидова вафот кард.

М. Абидова 10 октябри соли 1931 дар шаҳри Тошканд таваллуд шудааст. Соли 1954 Донишкадаи политехникии Осиёи Марказиро (ҳоло – Донишгоҳи давлатии техникии Тошканд ба номи Ислом Каримов), пас аз он аспирантураи Донишкадаи кимиё (ҳоло – Донишкадаи кимиёи умумӣ ва ғайриорганикӣ)-и Академияи илмҳои Ўзбекистонро хатм кардааст.

Соли 1958 рисолаи номзадӣ, соли 1975 — рисолаи докториро ҳимоя кардааст. Барои хидматҳои бисёрсолаи илмиаш дар соли 2000 вай узви комилҳуқуқи Академияи илмҳои Ўзбекистон интихоб шуд.

Олими боистеъдод дар рушди илм, тарбияи кадрҳои баландихтисоси илмию педагогӣ дар мамлакати мо дар тӯли қариб фаъолияти пурсамари илмию педагогии 60-солааш дар вазифаҳои корманди хурди илмӣ, ходими калони илмии Пажӯҳишгоҳи кимиё, ходими калони илмии Донишкадаи кимиё ва физикаи полимерҳои Академияи илмҳои Ўзбекистон, ходими калони илмии Пажӯҳишгоҳи истифодаи сӯзишвории Осиёи Миёна, мудири сектор, мудири лабораторияи Пажӯҳишгоҳи таҳқиқоти саноати нафтбарории Осиёи Миёна, роҳбари лабораторияи Пажӯҳишгоҳи тадқиқоти кимиёвӣ ва дорусозии Ўзбекистон саҳми арзанда гузоштааст.

Дар байни олимону мутахассисони ватанӣ ва хориҷӣ мақолаҳои илмии М. Абидова, ки ба ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии равандҳои кимиёвӣ бахшида шудаанд, патентҳо ва шаҳодатномаҳои муаллифии ӯ дар ин самт хуб маълуманд. Як қатор коркардҳои илмии он дар соҳаи катализаторҳо ва ҷараёни кимиёвӣ дар соҳаҳои саноат самаранок истифода мешаванд.

Таҳти роҳбарии бевоситаи арбоби фидокори илм ва мураббӣ, ки авлоди зиёди тадқиқотчиёнро тарбия намудааст, даҳҳо номзадҳо ва докторҳои илм тайёр карда шуданд.

Хидматҳои академик М.Абидова дар рушди илм дар мамлакати мо аз ҷониби давлат муносиб қадр карда шудааст. Вай бо ордени «Меҳнат шухрати» сарфароз гардонда шудааст.

Хотираи дурахшони олими барҷаста, мураббии ғамхор, шахсияти хоксор Муҳаббат Абидова ҳамеша дар қалби мо хоҳад монд.

**Ш.МИРЗИЁЕВ, Т.НАРБАЕВА, Н.ИСМОИЛОВ, А. АРИПОВ, Б. ЙЎЛДОШЕВ**

# НИЗОМИ МЕҲНАТИ ЯГОНАИ МИЛЛӢ

***Дар Маркази матбуоти миллӣ бо ширкати роҳбарияти Вазорати шуғл ва муносибатҳои меҳнат дар мавзӯи «Мубориза бар зидди меҳнати маҷбурӣ дар Ўзбекистон: муаммо ва натиҷа» нишасти матбуотӣ ба амал омад.***

Бо ба инобат гирифтани он ки дар давлати мо соли 2020 Соли илм, маърифат ва рушди иқтисодиёти рақамӣ эълон гардидааст, дар ҳамаи соҳаҳо корбасти фаъоли технологияи ахбор яке аз мақсадҳои асосӣ қарор гирифтааст.

Дар баробари ин, дар ташкилотҳо корбарӣ бинобар кадрҳо асосан, дар шакли коғаз амалӣ мешавад, ин бошад, хусусан, барои расмӣ кардани ҳуқуқи таъмини нафақа дақиқ ҳисоб кардани собиқаи кориро мураккаб менамоянд, ҳамчунин, нодуруст нишон дода шудани маълумотҳо оиди шуғли аҳолӣ шароит фароҳам меорад ва хароҷоти идоракунии маъмуриро афзоиш медиҳад.

Барои таъмини иҷрои қарори Президент «Дар бораи чорабиниҳои ҷорӣ кардани маҷмӯи барномавиву дастгоҳии байниидоравии «Низоми меҳнати ягонаи миллӣ» аз 31 октябри соли 2019, маҷмӯи барномавиву дастгоҳии байниидоравии «Низоми меҳнати ягонаи миллӣ» аз 1 январи соли 2020 ҷорӣ карда шуд.

Дафтарчаи меҳнатии электроние, ки дар маҷмӯи барномавиву дастгоҳии байниидоравии «Низоми меҳнати ягонаи миллӣ» ба тарзи автоматӣ ташаккул меёбад, маълумотҳоро дар бораи фаъолияти меҳнатии корманде, ки аз 1 январи соли 2020 шурӯъ шудааст, дар бар мегирад. Яке аз ҳадафҳои асосии низом ин пас аз соли 2020 фаъолияти меҳнатии шахсони ҷисмониро тасдиқ намудан ва ҳангоми ҳисоби нафақа танҳо дар асоси шиносномаи шаҳрвандӣ амалӣ шудани онро роҳандозӣ кардан мебошад.

Собиқаи кории корманд то 1 январи соли 2020 бошад, мувофиқ ба дафтарчаи меҳнатии коғазӣ ба тартиби пешина муайян карда мешавад.

Низоми мазкур, пеш аз ҳама, маълумотҳои ба саҳифаи шахсии корманд омодашударо дар оянда барои пешгирии ҷамъоварии ҳуҷҷатҳо, пур кардани онҳо мусоидат мекунад ва, ҳамчунин, кори кордиҳандаро дар оянда ба таври эҳсосшаванда осон мекунад. Дар баробари ин, ходим метавонад, ки ба саҳифаи шахсии худ ворид шуда, маълумотҳои ба фаъолияти меҳнатӣ аз ҷониби кордиҳанда воридшударо мушоҳида кунад, барои ба тарзи мустақил боргирӣ кардани нусхаи дафтарчаи меҳнатӣ, маълумотнома аз ҷойи кор ва C/V- маълумотномаро боргирӣ намояд.

Миқдори кормандон – шахсони ҷисмоние, ки дар ин низом аз рӯйихат гузаштаанд, 5 025 028 нафар буда, ин нишондод 92,5 фоизи шахсони ҷисмониеро ташкил медиҳад, ки дар низом бинобар давлати мо бояд аз рӯйхати умумӣ гузаранд.

Бо мақсади он ки ба ҳамаи истифодабарандагон техникаи масофавӣ ва ёрдами ахборӣ тақдим карда шавад, айни замон хидмати техникиву дастгирии МБАБ "НМЯМ" кори худро пеш мебарад.

**Х.ҲАМИДОВ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**

***Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон 24 январи соли 2020 дар Мурочиатнома ба Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ўзбекистон, дар баробари ба миён гузоштани вазифаҳои муҳими пеши давлат истода, роҳҳои ҳаллу фасли онҳоро низ нишон дод. Дар он ҳамчунин, самтҳои устувори ислоҳоте, ки бояд дар соли 2020 ба амал татбиқ гарданд, муайян карда шуданд. Роҳбари давлат перомуни масъалаҳое ҳарф зад, ки ба таъмину татбиқи ислоҳот халал мерасонанд. Дар рафти суханрониаш ӯ алоҳида таъкид намуд, ки дар байни масъалаҳо мубориза алайҳи коррупсия, ба вуҷуд овардани низоми мубориза бар зидди он ва таҳким бахшидани асосҳои институтсионалӣ аз вазифаҳои аввалиндараҷаанд.***



# КОРРУПСИЯ – САДДИ РОҲИ ПЕШРАФТ

Сарвари мамлакат гуфт, ки "Имрӯз самарабахшии ислоҳот ба чаҳор омили муҳим: таъмини волоияти қонун, муборизаи қатъӣ алайҳи коррупсия, афзудани иқтидори институтсионалӣ ва ташаккул додани институтҳои муқтадири демократӣ бастагӣ дорад". Таҷрибаи давлатҳои рушдкарда бозгӯйи он аст, ки дар он кишварҳо мубориза алайҳи коррупсия аз вазифаҳои асосии давлатӣ маҳсуб меёбад. Коррупсия дар ҳар гуна мамлакат, бобати иҷрои маҷбуриятҳои минималӣ, маънои дар назди халқ оҷиз мондани дастгоҳи давлатиро дорад. Ин гуфтаҳои ҳуқуқшинос ва иқтисодчӣ Ли Куан Йу аст, ки солҳои 1959-1990 сарвазири Сингапур буд: "Агар ҳокимият на ба мақсади ба боварии халқ даромадан, балки ба сарвати шахсӣ афзудан фаъолият нишон диҳад, мушкили ахлоқ пеш меояд. Ҷамъияте, ки дурудароз пойдор мондан мехоҳад, бояд ба принсипи ҳалолӣ амал намояд, вагарна ба ҳалокат мерасад. Усули осонтарини боздоштани коррупсия ин ҷилавгирии шахсони мансабдор аз амалиёти худсарона мебошад".

Имрӯз алайҳи коррупсия ҳамаи давлатҳои дунё мубориза мебаранд. Ҳар сол аз ҷониби созмони байналхалқии Transparency International индекси қабули коррупсия эълон карда мешавад. Индекси қабули коррупсия индекси таркибиест, ки дар сектори давлатии мамлакатҳои гуногун дараҷаи қабули коррупсияро арзёбӣ мекунад. Созмони мазкур аз соли 1995 ҳар сол ин индексро пешниҳод менамояд. Дар рейтинге, ки ин созмон дар соли 2009 дараҷаи мамлакатҳои фасодзадаи ҷаҳонро эълон кардааст, кишварҳои Скандинавия: Финляндия, Шветсия ва давлатҳое мисли Зеландияи Нав, Дания ва Швейтсария соҳиби нишондиҳандаҳои беҳтарин гардидаанд. Таассуф, ки бино ба чанд сабаб, мамлакати мо дар ин индекс рейтинги худро ҳанӯз боло набардоштааст. Дар ҳисоботи солонаи созмон, ки моҳи марти соли 2019 эълон шудааст, Ўзбекистон дар байни 180 мамлакати дунё дар ҷойи 158-ум қарор дорад.

Дар ҳисоботи созмон, аз ҷумла, дар хусуси Ўзбекистон гуфта мешавад: "Ҳарчанд маълумот доир ба миқёс ва шаклҳои коррупсия дар мамлакат маълумот кам аст, далелҳои мавҷуда ба забони ҳол мегӯянд, ки дар рӯзгори ҳаррӯзаи шаҳрвандон коррупсия васеъ доман паҳн кардааст. Коррупсия ба баргузидаҳои (элита) мамлакат оиди ғайриқонунӣ аз худ кардани захираҳои табиӣ имконият фароҳам меоварад ва дар плантатсияҳои пахта сабаби поймол гардидани ҳуқуқи инсон мегардад".

Бо мақсади ноил гардидан ба натиҷаҳои мусбат бобати мубориза алайҳи коррупсия, роҳандозии ҳокимият ва идораи давлатӣ дар асоси қонун, таҳким бахшидани боварии ҷамъият ба давлат, зиёд кардани масъулияти мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор дар назди шаҳрвандон, ҳамчунин, роҳандозии низоми ҳисоботдиҳии онҳо, дар амал таъмин намудани ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, бунёди ҷамъияти муқтадиру шаффофи иттилоотӣ, лозим меояд, ки корҳои зерин ба амал татбиқ гарданд:

Якум, бояд низоми қонунгузории муқтадиру муассири мубориза алайҳи коррупсия ба вуҷуд оварда шавад. Пайдост, ки 31 октябри соли 2003 "Конвенсияи мубориза алайҳи коррупсия"-и СММ қабул шуда буд. Конвенсияи мазкур дар ташаккулёбии қонунгузории миллии ҳамаи давлатҳои аъзо асоси байналхалқии ҳуқуқӣ маҳсуб меёбад. Ўзбекистон аз соли 2008 узви ин конвенсия мебошад. Бо мақсади иҷрои маҷбуриятҳои байналхалқӣ ва ба тартиб андохтани муносибатҳо дар соҳаи мубориза алайҳи коррупсия аз 3 январи соли 2017 қонуни Ҷумҳурии Ўзбекистон "Дар бораи мубориза алайҳи коррупсия" эътибор пайдо кард. Эътирофи коррупсия дар мамлакатамон, муайян намудани ҷавобгарӣ ба амалиёти коррупсионӣ низом ва маҷбуриятҳои мақомоти бар зидди коррупсия муборизабарандаро мушаххас намуд.

Дуюм, бояд сабабҳои рӯй додани коррупсияро муайян намуд, холигиҳои қонунгузориро пур кард, ба ворид гардидани меъёрҳои пучу ҳавоӣ ба қонунгузорӣ роҳ надод. Президент дар маърӯзааш хеле бамаврид таъкид намуд, ки: "Мо бояд аз мубориза алайҳи оқибатҳои коррупсия ба саривақт пешгирӣ кардани он гузарем". Дарвоқеъ, ҳаддалимкон кам кардани қабули ҳуҷҷатҳои меъёрии молики характери дохилиидоравӣ, пешгирии ба қонунгузорӣ ворид шудани меъёрҳое, ки ҳуқуқу озодиҳои инсонро яксон талқин наменамоянд ва ба вуҷуд овардани қоидаҳое, ки бевосита ба кор бурда мешаванд, аз омилҳои муҳим маҳсуб меёбанд.

Сеюм, бояд самтҳои устувори давлат дар мубориза алайҳи коррупсия муайян ва масоили вобаста ба коррупсия ба таври коллегиалӣ ҳаллу фасл гарданд. Имрӯз дар ин росто корҳои самарабахш анҷом дода мешаванд. 2 феврали соли 2017 тибқи қарори ба тасвибрасидаи Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон «Дар бораи чорабиниҳо доир ба татбиқи қоидаҳои қонуни Ҷумҳурии Ўзбекистон «Дар бораи мубориза алайҳи коррупсия» Барномаи давлатӣ оиди мубориза алайҳи коррупсия дар солҳои 2017-2018 қабул гардид. 27 майи соли 2019 бошад, Фармон «Дар бораи такмил додани мубориза алайҳи коррупсия дар Ўзбекистон» ба тасвиб расида буд. Он ба афзун гардондани самаранокии мубориза алайҳи коррупсия, фароҳам овардани шароити корчаллонӣ дар сатҳи баланд ва баланд бардоштани нуфузи мамлакат дар арсаи байналхалқӣ нигаронида шудааст. Тибқи фармон Барномаи давлатии мубориза алайҳи коррупсия дар солҳои 2018-2019 қабул карда шуда, таркиби нави комиссияи байниидоравии ҷумҳурӣ доир ба коррупсия тасдиқ гардид.

Дар таркиби Ҷӯқорғи Кенгеси Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, шӯрои депутатҳои халқии вилоятҳову шаҳри Тошканд, шӯрои депутатҳои шаҳру ноҳияҳо комиссияҳои мубориза бар зидди коррупсия созмон дода шуд. Онҳо дар маҳалҳо, баробари ҳамаҷониба омӯхтани вазъи мубориза алайҳи коррупсия, доир ба ҳолати коррупсия ва мушкилоте, ки сабаби зуҳури коррупсия мегарданд, ба кумитаҳои мубориза алайҳи коррупсия ва масоили суду ҳуқуқ бино ба такмил додани фаъолияти соҳаи мазкур мустақиман ахбор пешниҳод менамоянд.

Чаҳорум, дар мубориза алайҳи коррупсия бояд дар сиёсати давлатӣ ошкорбаёниву шаффофият бошад. Агар дар байни мақомоти давлатӣ ва ҷамъият «пули боварӣ» вуҷуд надошта бошад, гум шудани мувозинати идораи давлатӣ ва ниёзҳои ҷамъият аз эҳтимол дур нест. Ш. Мирзиёев дар Мурочиатнома беҳуда қайд нанамуд, ки: «Боиси таассуф аст, ки дар ҷамъияти мо иллати коррупсия бо зуҳуроти гуногуни худ садди роҳи пешрафту тараққиёт мегардад. Агар пеши роҳи ин бало гирифта нашавад, муҳити воқеии соҳибкорию инвеститсия ба вуҷуд оварда намешавад, умуман, ягон соҳаи ҷамъият ривоҷ намеёбад».

Имрӯз дар сиёсати давлатӣ бобати мубориза алайҳи коррупсия чунин самтҳои устувор пешбинӣ шудаанд:

интихоби хидматгузорони давлатӣ дар асоси озмун, бобати ба вазифа таъин намудан ва ба мансаби баланд бардоштан ташаккул додани низоми шаффофи хидмати давлатӣ, муайян намудани чораандешиҳои маҳдудкунӣ, манъсозӣ, рағбатноккунӣ ва тартиб додани механизми дақиқи пешгирии коррупсия;

зина ба зина ҷорӣ намудани низоми деклоратсия кардани даромади хидматчиёни давлатӣ ва зиёд кардани маоши онҳо, ҳамчунин такмил додани асосҳои ташкилию ҳуқуқии ҳаллу фасли бархӯрди манфиатҳо ҳангоми иҷрои хидмати давлатӣ;

ташаккул додани шуур ва маданияти ҳуқуқии аҳолӣ, пурзӯр намудани муносибати оштинопазир нисбати коррупсия;

ҷорӣ намудани механизми пурсамари ташкилию ҳуқуқии ҳифзи онҳое, ки аз қонуншиканиҳои коррупсионӣ хабар медиҳанд;

ба ҳисобдорӣ ва шаффофияти фаъолияти мақомот ва созмонҳои давлатӣ афзудан;

таъмини воқеии озодии институтҳои ҷамъияти шаҳрвандӣ ва ҷалби онҳо ба чорабиниҳои зидди коррупсионӣ.

Бояд ба офаридани адабиёти бадеие рӯйи эътибор гардонд, ки гиреҳи фасод будани коррупсияро кушода дода тавонанд. Дар ин росто ба корҳои маърифатӣ такон бахшидан, ташаккул додани эҳсоси покию ватанпарварӣ дар дилу шуури аҳолӣ, хоссатан ҷавонон, суди зиёде дар пай дорад. Фикр мекунам, ташкили мулоқоти бевосита бо нафарони пурдидаю соҳибтаҷриба, офаридани осори бадеию ҳунарӣ, омода кардани барномаҳои махсуси телевизиониву радиоӣ, дар симои онҳо офаридани қаҳрамонони миллӣ ва корбурди усулҳои муассири тарғибот дар ин кор натиҷаи матлуб мебахшад.

**Бобокул ТОШЕВ,**
**мудири кафедраи техникаи қонунгузорӣ ва экспертизаи зидди коррупсияи Маркази такмили малакаи ҳуқуқшиносони ҷумҳурӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ.**

# ДАРИ ИМКОН БОЗ АСТ

Таҳи чанд соли охир аз тарафи ҳукумати кишвар баҳри ҷавонон ва ояндаи дурахшони онҳо имкониятҳои васеъ фароҳам оварда мешаванд. Бинобар Панҷ ташаббуси роҳбари давлат барои ҷавонони мо боз як қатор имтиёзҳо, аз ҷумла, ҷалб намудани онҳо ба тадбиркорӣ, тиҷорат, ҷудо кардани қарзҳои имтиёзнок ва ғайра муҳайё гардиданд. Ҷавобан ба ин ғамхориҳои роҳбар ва ҳукумати кишвар наврасони мо чӣ иқдоме пеш гирифтаанд. Рӯирост бояд гуфт, ки ҳоло дар байни онҳо як зумра ҷавонони соҳибистеъдод низ ҳастанд, ки ояндаи дурахшон доранд. Онҳо ҳам дар илму фан, ҳам дар варзишу дигар ҷабҳаҳо фаъолмандӣ зоҳир менамоянд. Ин, албатта, хуб аст. Зеро мақсади Панҷ ташаббусе, ки аз тарафи сарвари кишвар пешниҳод гардид, низ ҳамин мебошад. Наврасону мактабиён бояд вақти холии худро пурсамар гузаронанд. Ба китобу мутолиаи он, варзиш, санъату адабиёт ва ҳунарҳои миллӣ рӯй овардани ҳар як наврас натиҷаи дилхоҳ хоҳад дод.

Муҳим он аст, ки дар ояндаи наздик онҳо соҳиби касбу кори дилхоҳ мегарданд ва ба ҷомеа бо ақлу заковат ва ҳунари волои хеш хидмат мекунанд.

Ба ҳамагон маълум аст, ки ҳоло мардуми мо низ дар ҳоли карантин буда, бо эҳтиёт аз пандемия, ки тамоми дунёро ба ташвиш овардааст, амал мекунанд. Ҳукумат барои бекор намондани ҷавонон як миқдор замин ва қарзи имтиёзнок ҷудо намудааст. Ин ҳам аз ғамхориҳои ҳукумати кишвар мебошад.

Ба ин хотир ҳар яки мо бояд шукргузор бошем. Шукри ин давлату шукри ин сарзамин ва мардумони боҳирадаш кунем.

Зеро тавре ки гуфтем, ҳоло дари имкон боз аст.

**Ҳабиба ЁРОВА,**
**вилояти Сурхондарё.**



*Дарахти нодири дарозқад, ки дар шаҳри Фарғона месабзад, сарв буда, соли 1895 аз ботлоқзори Амрико ба мамлакатамон оварда, хусусан дар ҳудудҳои Самарқанду Фарғона кошта шудааст.*

*Дар гузашта атрофи Марғилонсой, ки аз шаҳри Фарғона мегузарад, ботлоқзор ва заҳ будааст. Бинобар он, ки намӣ дар ин ҷойҳо аз меъёр зиёд буд, ба ин заминҳо чанд ҷуфт ниҳоли ин дарахтро аз хориҷа оварда нишондаанд. Ҳоло дар соҳили Марғилонсой фақат як ҷуфт сарв боқист, ки ба сифати ёдгорӣ аз ҷониби давлат ҳифз карда мешавад. Тавре ки гуфтем, ин дарахт аз соли 1895 боз дар Марғилонсой сарсабз аст.*

***Дар сурат:** дарахти нодири сарв, ки дар шаҳри Фарғона месабзад.*

***Суратгир: М. ҚОДИРОВ (ЎзА).***

# ҶАВОНОН БО ҶИҲОЗҲОИ ВАРЗИШӢ ТАЪМИН ШУДАНД

***Бар асоси қарори Президент "Дар бораи рушди ҳамаҷонибаи иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Сӯх дар солҳои 2020-2021" барои ҷавонони ноҳияи Сӯх 30 намуди таҷҳизот ва иншооти варзишӣ фиристода дода шуд. Ҳамаи он бар ивази 600 миллион сӯм харидорӣ шудааст.***

– Ин барои ҷавонони ноҳияамон тӯҳфаи муносиб мебошад. Зеро аз 80 ҳазор аҳолии ноҳия 20 ҳазори онро ҷавонони то 30-сола ташкил медиҳанд, – мегӯяд раиси бахши ноҳиявии шӯрои Иттифоқи ҷавонони ҷумҳурӣ Исоҷон Мастонов.

Дарвоқеъ, тайи солҳои зиёд дар натиҷаи мавҷуд набудани шароити муносибу мувофиқ, инфрасохтори ғайриқаноатбахши варзишӣ ва набудани таъминоти он ягон варзишгари ноҳия дар сатҳи ҷумҳурӣ ва миллӣ шарафи ноҳия ва вилояту кишварамонро ҳимоя накардааст.

Эътибор ба рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, тарғиби тарзи ҳаёти солим дар байни аҳолӣ, барои тарбия намудани варзишгарони боистеъдод ба сатҳи дастаҳои миллӣ чораҳо дида мешаванд.

Бо ин мақсад оиди сохтмони иншооти нави варзишӣ барои ҷавонони ноҳия, бозсозии биноҳои мавҷуда ва бо ҷиҳози зарурии варзишӣ таъмин кардани он вазифаҳои аниқ гузошта шудаанд. Дар ин робита нақшае таҳия гардидааст, ки он маҳз барои ҷалби васеи ҷавонон ба тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш нигаронида шудааст.

– Тарбияи ҷисмонӣ танҳо бо мавҷуд будани таҷҳизоти варзишӣ дари имкониятҳои бештарро ба ҷавонон кушода медиҳад. Мутаассифона, ҷавонони ноҳия солҳои тӯлонӣ аз чунин имкониятҳо маҳрум буданд. Барои ҳамин нишон додани истеъдоду маҳорати варзишӣ ва ишғоли ҷойҳои муносиб дар мусобиқаҳо барояшон чандон муяссар намегардид. Умедворем, ки баъди ин ғамхорӣ варзишгарони ҷавони сӯхӣ низ талош хоҳанд кард, ки беш аз пеш фаъолтар шаванд ва дар ояндаи наздик дар мусобиқот ширкат кунанд ва ҷойҳои ифтихориро ба даст оваранд, – мегӯяд ҳокими ноҳияи Сӯх Саидбаҳром Саидмӯсоев.

**Файзулло ИБРОҲИМОВ,**
**мухбири ҷамоатии "Овози тоҷик".**
*Вилояти ФАРҒОНА.*

Ба кўмаки омўзгор

# ДАСТУРУЛАМАЛИ МУФИД

**_Интишори китоби доктори илмҳои филологӣ, муҳаққиқи адабиёти муосири тоҷик Ҷумъақул Ҳамроев – “Таърихи адабиёти муосири тоҷик” дастуруламали муфидест доир ба омўзиши давраҳои адабиёти маорифпарварӣ ва баъдазинқилобии тоҷик. Зеро муаллиф бо диду назари тоза аз дидгоҳи сирф танқидӣ нисбати эҷодиёти намояндагони ин давр ва марҳилаҳои эҷодиашон изҳори ақида намуда, арзиши адабии онҳоро холис арзёбӣ кардааст. Китоби мазкур аз тарафи донишҷўёну муаллимони забон ва адабиёти тоҷики Тоҷикистон хуш қабул карда шуда, чун асари пурарзиш дар ҷодаи нақди адабӣ эътироф шудааст._**

Афсўс, бо вуҷуди маводи мукаммали омўзиши адабиёти навини тоҷик будани китоб, на ҳамаи мо муаллимон онро дар даст дорему аз манбаъҳои мўътамади он дар рафти дарс истифода мебарем. Дар мадди назар будани китоб имконият медиҳад, ки ба эҷодиёти ҳар адиби ҷойдошта аз назари танқидӣ нигариста, бурду бохти онҳоро холисона чун моли асили адабиёт баррасӣ намоем.

Муаллиф дар муқаддимаи китоб бо ҳисси сахтгирӣ, метавон гуфт бераҳмона, нисбати саҳлнигории нақди адабии солҳои рукуд сухан ронда мегўяд: “Таъсири ҳамин равиш буд, ки осори адабии сирфан беарзиши замонӣ аз навсозиҳои сохтори сотсиалистӣ чун намунаи баргузидаи ҳунар тавсиф шуда, осори бисёре аз шахсиятҳои эҷодкор, ки воқеан асарҳояшон арзиши бадеӣ ва маънавӣ доштанд, аз назарҳо дур мемонданд. Ин гуна чеҳраҳо аз ёдҳо рафта ва ё қурбони дасисаҳои сиёсии хушомадгўён мешуданд”.

Бо ин ҳушдориҳо мунаққид таъкид мекунад, ки замони наву диди таҳқиқи нави эҷодӣ ба майдон омад, мо ба осори адибон на аз рўйи мақому мартабаю обрўю нуфуз, балки аз рўйи арзиши адабию навпардозиашон баҳо диҳем.

Мунаққиди жарфбин меафзояд, ки ҳатто доири паҳлўҳои ноаёни омўзиши эҷодиёти Айнӣ низ, ки пешвои адабиёти навин аст, назари тозаи танқид дошта бошем. Эҷодиёти чил нафар адибоне, ки ба китоб ворид гаштаанд, бо ҳама паҳлўҳояш бо назари танқидӣ омўхта шуда, ба хонанда ҷавҳари онҳо пешкаш гардидааст.

Дар китоб нисбати эҷодиёти ҳар адиби ҷойдошта фикру диди тозаи ҳанўз ба хонанда ноаён ба назар мерасад. Хусусан, мунаққид аз рўзгори шахсиятҳои мураккаби адабиёт Абдурауфи Фитрат ва охирин муқаллиди Бедил, шоири шўридадил Наҷибхони Туғрал бодард ҳарф зада, ҳанўз ба таври бояду шояд омўхта нашудани паҳлўҳои ноаёни эҷодиёти онҳоро таъкид намудааст. Дар рафти мутолиаи китоб ба ҳайрат меафтед, ки муаллиф чӣ тавр ин қадар ҳикоя, повесту романҳоро хонда образҳояшонро дақиқ таҳлил карда бошад.

Хусусан, таҳлилу таҳқиқи мунаққид ба асарҳои мансуби “насри андеша” ҷиддӣ буда, асосан таваҷҷўҳ ба олами рўҳии қаҳрамонон дорад ва бо ин восита мақсади нависандаро ба хонанда кушода медиҳад.

Барои мисол, бигирем, образи мураккабтарини адабиёти навин – Рашод аз повести “Санг дар бағал ба тўфон”-и Саттор Турсунро. Қаҳрамони асосии асар ҷўпони оддӣ Рашод, аммо олами ботиниаш пурғалаёну бекарор. Ҳатто рақиби ҷандинсолаи худ Раҳими Акбарро, ки гаҳворабахши ў – Насринро ба зўрӣ ба занӣ мегирад, мекушад, вале нависанда Рашодро қаҳрамони манфӣ қаламдод намекунад. Баръакс, ўро чун одами раҳмдил ба қалам медиҳад. Ҳатто чунон раҳмдил, ки ба ҳоли сагонаш дилаш месўзад. Хусусан, ба Малла, ки чанд рўз боз бемор асту чизе намехўрад. Нависанда тағйироти руҳияти Рашод ва зарбаҳои зиндагиро нозук тасвир намудааст.

Ё бигирем, образҳои осори нависандаи ҷавонмарг Сайф Раҳимзодро. Ў чун ситораи дурахшони адабиёт яке дурахшиду тез хомўш шуд. Дар ин хусус адабиётшиноси нуктасанҷ Ҷумъақул Ҳамроев бамаврид қайд намудааст:

“Аксари қаҳрамонони ҳикояву повестҳои Сайф Раҳим шахсони аз тазодҳои зиндагӣ рўҳан коставу хаста гашта, олами ботиниашон пурасрору ҳассос баён гардидааст. Нависанда бо маҳорати хоси эҷодӣ ба хонанда ҳушдор медиҳад, ки норасогиҳои иҷтимоии ҷамъият ва муҳити носозгори зиндагӣ онҳоро ба яъсу ноумедӣ афтондааст”.

Мунаққид услуби хоси нигориш ва образофарии нависандаро таҳлилу таҳқиқ намуда, дар насри андеша ҳатто ўро қутбкушо медонад. Устод он адибонеро, ки асарҳояшон мавқеи адабӣ надоштанду аз ҷиҳати ғояву мазмун суст буда, танҳо зеби ҷевон буданд, боҳадаф ва асноди раднашаванда бо хотири огоҳии хонанда бо назари танқидӣ ҳаллу фасл намудааст.

Мақсади банда аз ин навишта он аст, ки мувофиқи дархосту усулҳои нави таълим дар омўзиши адабиёт, ки асоси одамияту маънавият ҳаст, назари тоза дошта бошем.

Асоси дарсҳоямонро на кай таваллуд шудану фавтидани адибон ва номгўйи асарҳои онҳо, балки моҳият ва гавҳари эҷодиёти онҳо ташкил диҳад. Барои бо ин руҳия ташкил додани дарсҳои адабиёт метавон гуфт имрўз барои мо — тоҷику тоҷикзабонони Ўзбекистон, маводи ягонаи мукаммал китоби “Таърихи адабиёти муосири тоҷик” мебошад.

Чунин ба назар мерасад, ки Аллома Иқбол ин байтро дар хусуси устод Ҷумъақул Ҳамроев гуфта бошад:

*Зиндагӣ аз садафи хеш*
*гуҳар сохтан аст,*
*Бар дили шўъла фурў*
*рафтану нагудохтан аст.*

**Салом АТОЕВ,**
**омўзгори тоифаи олии мактаби рақами 5-уми ноҳияи Бойсун.**




Ба муносибати 600-солагии Донишгоҳи давлатии Самарқанд

# ЯКЕ АЗ ТАКЯГОҲҲОИ ИЛМИ ШАРҚШИНОСӢ ДАР САМАРҚАНД

**_Донишгоҳи давлатии Самарқанд гузаштаи ғановатманд ва пурифтихоре дорад. Дар ин ҷо олимону профессорони машҳуру маъруф ва моҳиру пуртаҷриба кор кардаанд. Ҳангоме ки мувофиқи талаботи донишгоҳ кафедраи забонҳо ва адабиёти Шарқи хориҷӣ ташкил шуд, ба он аввалин шуда шарқшинос, хатмкардаи факултаи шарқшиносии Донишгоҳи Санкт-Петербург, профессор Ю. Авалиани мудир таъин гардид. Таҳти роҳбарии вай ва ҳамфикрони ў кафедра аз ҷумлаи асосгузорони анҷуманҳои байналхалқӣ доир ба масъалаҳои фразеологияи забонҳои Шарқ шуд. Бо сарпарастӣ ва роҳбарии ў кафедра чандин маротиба оид ба масъалаҳои умдаи фразеологияи забонҳои Шарқ анҷуманҳои байналхалқиро баргузор кард._**

Ба кафедра омўзгорону профессорони соҳа ҷалб гардиданд. Номзадҳои улуми филологӣ, дотсентон Ҳодӣ Ҳусайн Далилӣ, Н. Беҳбудӣ, Р.Эгамбердиев, мутахассисони забон ва адабиёти форс Ҷ.Мирсаидов, Т.Нуриддинов, забони арабӣ Саидҷамол Мирҷаъфаров, ки то имрўз фаъолият дорад, аз ҷумлаи онҳо буданд. Соли 1975 мудири кафедра Ю.Авалиани дар Донишгоҳи Тбилиси рисолаи доктории худро дар мавзўи “ Тадқиқот оид ба фразеология ва феълҳои мураккаби забони курдӣ” дифоъ намуд. Таҳти роҳбарии бевоситаи ў мақолаҳои илмии аъзои кафедра пай дар пай дар маҷмўаи анҷуманҳои илмии шаҳрҳои Маскав, Волгоград, Тула, Боку ва ғайра интишор ёфтанд. Дар солҳои пасин, баъд аз вафоти Ю.Авалиани профессор Ҷ.Мирсаидов чун мудири кафедра адои вазифа кард. Дар ин муддат узви кафедра, номзади илми филология С.Саъдиев рисолаи доктории худро бомуваффақият ҳимоя намуд. Дар ин солҳо муаллифи чандин китоби дарсӣ ва васоити таълимӣ аз забони форсӣ, дотсент Ҳ.Аҳроров, муаллимон Т.Искандарӣ, С.Абдуқодирова низ дар ин ҷо фаъолият доштанд. Авохири солҳои 1980 вазифаи мудирӣ ба зиммаи олими шинохта Н.Беҳбудӣ афтод. Дар ин муддат як гурўҳ олимони ҷавон ба кафедра ҷалб карда шуданд. Инҳо хатмкунандагони факултаи шарқшиносии Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон В.Назаров, Ф.Облоқулов, хатмкунандаи факултаи шарқшиносии Тошканд Т.Воҳидов ва муаллимаи пуртаҷриба Д.Обидова мебошанд. Баъдан ба кафедра доктори илми филология, профессор Ш.Шукуров мудир таъин гардид. Муддати тўлонӣ пайваста бо корҳои илмӣ корҳои тадрисӣ низ хеле пеш рафт. Донишҷўёни донишгоҳ дар олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ аз фанҳои забони арабӣ ва форсӣ иштирок намуда, ғолиб омаданд ва ҳоло яке аз ин ғолибон З. Нуруллоева дар кафедра ҳамчун устод фаъолият дорад. Баъдан хатмкардаи факултаи шарқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои педагогӣ Аҳмадҷон Юлдошев мудир таъин гардид. Мутаассифона, соли 2010 бо сабаби кўтоҳ гардидани ҳаҷми соатҳо кафедра бо кафедраи забон ва адабиёти тоҷик муттаҳид карда шуд ва тўли чанд сол ҳамчун тобеи кафедраҳои мухталиф адои вазифа намуд. Хушбахтона, сентябри соли 2019 кафедра бо дастгирии ректори донишгоҳ, профессор Рустам Холмуродов аз нав ташкил ёфт ва ба он дотсент А.Воҳидов мудир таъин шуд. Ҳоло кафедра фаъолияти худро дар асоси фармонҳои Президент ва ҳуҷҷатҳои меъёрӣ аз нав ба роҳ мондааст.

Имрўз низ профессорони кафедра Садрӣ Саъдиев ва Афтондил Эркинов, номзади илм Зулфия Юнусзода, доктори фалсафа Сабоҳат Маҷидова, муаллими калон Саидҷамол Мирҷаъфаров, дотсент Абдуваҳҳоб Воҳидов, омўзгорон Мавлуда Давронова, Фозилҷон Шукуров, Заррина Нуруллоева ва Ҳафиза Шукурова дар чандин равияҳои таълим аз фанҳои забони хориҷӣ (арабӣ ва форсӣ), забонҳои Шарқ ва алифбои арабӣ ба шогирдон дарс мегўянд. Дар доираи факултет маҳфили илмии “Шарқшинос” амал мекунад ва донишҷўён дар он фаъолона иштирок доранд. Баробари ин, фаъолияти илмии аъзои кафедра низ қобили таваҷҷўҳ буда, мақолаҳои илмии онҳо дар маҷаллаву конфронсҳои салоҳиятноки байналхалқӣ чоп мегарданд. Имрўз вазифаи роҳбарии илмии профессорон С. Саъдиев ва А.Эркинов ба докторант Д.Аҳмедова, муҳаққиқон Ф.Шукуров Р.Ҷабборов, С.Ҳалимов ва А. Қурбонов вогузошта шудааст ва боиси хурсандист, ки рисолаҳои чанде аз онҳо дар арафаи дифоъ аст. Аз ҷумлаи нашрҳои илмие, ки солҳои охир аз ҷониби ходимони кафедра чоп шуд, метавон асарҳои С.Саъдиев “Сайидои Насафӣ ва муҳити адабии Мовароуннаҳри нимаи дуюми асри XVII” (Душанбе, 2019), “Маркази адабии Самарқанд дар шоҳроҳи таърих” (бо хати форсӣ, Эрон, 2020), А.Эркинов, Р. Ҷабборов “Алишер Навоий. Оққуюнли мухлислар девони” “Тошкент: Шарқ, 2020), А. Воҳидов, Ф. Шукуров дастуруламали “Сабаққои хати арабӣ-форсӣ” (Самарқанд – 2020) ва ғайраро ном бурд.

Аъзои кафедраи забонҳои Шарқи хориҷӣ саъю кўшиш доранд, ки соҳаҳои гуногуни мамлакатамонро бо мутахассисони забонҳои хориҷӣ таъмин намоянд ва дар ин ҷода салоҳияти донишгоҳро боз ҳам баланд бардоранд.

**А.ВОҲИДОВ,**
**мудири кафедраи забонҳои Шарқи хориҷии ДДС,**
**М. ДАВРОНОВА,**
**омўзгори кафедраи забонҳои Шарқи хориҷӣ.**

АКСИ САДО

# РЎДАКӢ НАХУСТИН ВАССОФИ БУХОРО

*Гар сарӣ ёбад ба олам кас ба некўшоирӣ,*
*Рўдакиро бар сари он шоирон зебад сарӣ.*

***(Рашидии САМАРҚАНДӢ).***

Боиси ифтихор аст, ки боғи пуртаровати куҳанбунёди адабиёти тоҷику форс бо бузургони сершумори сатҳи ҷаҳонӣ – дарахтони сершоху барги беш аз ҳазорсолаи худ ба аҳли олам ғизои маънавӣ мебахшад. Номи асосгузори ин боғи ҷовидон сабз – Одамуш-шуаро Абўабдулло Ҷаъфар бинни Муҳаммад Рўдакӣ бошад, на фақат баҳри ҳар як хонадони форсигўйи олам, балки барои кулли мухлисони шеърияти воло азизу мукаррам гаштааст. Охир, тақрибан 1150 сол муқаддам мавқеи дўст, рафиқро дар ҳаёти инсон кӣ монанди вай амиқу бикр ва пурҷозибаю самимӣ ифода кардааст:

*Ҳеҷ шодӣ нест андар ин ҷаҳон,*
*Бартар аз дидори рўйи дўстон.*
*Ҳеҷ талхӣ нест дар дил талхтар,*
*Аз фироқи дўстони пурҳунар.*

Ба соддагию ифодаи халқонаи шоир нигаред, бовар кардан мушкил аст, ки он камаш ёздаҳ аср муқаддам гўё бо шеваи имрўзаи мо – бухориён гуфта шудааст. Эссеи адабиётшинос, тарҷумон, шоир Султонмурод Олим «Бўйи ҷўйи Мўлиён...»-ро зери рукни «Бухоро – пойтахти фарҳанги ислом» аз «Овози тоҷик» (22 июли соли 2020, № 49) мехондаму мавҷи андешаҳо бобати шоир Рўдакӣ ва Бухорои шариф гўё бандаро ба оғўш мегирифт. Пўшида нест, ки ҳам дар Бухоро, ҳам дар мамлакат даҳҳо, садҳо олимон ҳастанд. Масъалае нест, ки онҳо даст назада бошанд, вале байни онҳо,мутаассифона, мисли С. Олим муҳаққиқони ҳақгўй каманд. Ба тасаввури банда илм ҳақиқатнигорист, на чизи дигар. Бар акси ҳол он илм нест. Олимтароше, ки ба гуфтан ё нигоштани ҳақиқат қодир нест, роҳи хостааш ботил аст, зеро дурўғ бефурўғ бошад. Чанд сол муқаддам С. Олим дар як мақолааш ғояи ба адабиёти Ватан дахл доштан ва ба он шомил намудани А. Рўдакӣ барин шоиронеро, ки дар ин сарзамин зиндагӣ ва эҷод кардаанд, ба миён оварда буд, ки ин хеле бамаврид ва аз рўйи адолат аст. Ба ибораи дигар, эътирофи хидматҳои муносиби ин ё он шахс, дилсафедона баҳодиҳӣ ба маҳорат ва иқтидори вай аз дасти на ҳар кас меояд. Фақат инсони холис, ҳақгўй ва соҳибфазилат метавонад чунин рафтор кунад. Чи хеле ки аз мазмуни мақола аён мегардад, Султонмуродакаро фарзанди ду халқ гуфтан эътирофи ҳақиқат аст, чунки падараш ўзбек ва модараш тоҷик. Ин анъана дар Бухоро одати муқаррарист. Аз ин рў, дили ҳассосаш робитаю муносибатҳои дўстонаи ин ду халқро беғубор дидан мехоҳад. Бахши «Зиёрати Бухороро аз куҷо бояд шурўъ кард?» бо арзи эҳтироми олим ба модар ва забон оғоз ёфта, он ҷо ноқаноатмандии вай нисбати баъзе ҳамкасбонаш чунин ифода ёфтааст: «Дар ситоиши шеърҳое, ки на он қадар баланданд, баъзе адабиётшиносон бебаркаш ҳарф мезананд. Шеърҳои олӣ аз назарашон дур мемонад. Вале шеърҳои асиле ҳастанд, ки воқеан худододанд. «Бўйи ҷўйи Мўлиён...»-и Рўдакӣ, бешубҳа, аз ин гуна офаридаҳост». Эҳсоси Ватан дар ҳама давру замон барои инсон аҳамияти аввалиндараҷа дошту дорад. Иқтидори худододи Рўдакӣ ба дили амири Сомонӣ меҳри Бухороро чунон ба хурўш овард, ки вай ҳатто бе мўза ба асп савор шуда, шитобон роҳи Бухороро пеш гирифт. Шеъри хуб диққати ҳамаро сўйи худ мекашад, аз ҷумла тарҷумонро низ. Хушбахтона, дар адабиёти форс-тоҷик аз ҷумла дар эҷодиёти Рўдакӣ, ин қабил шеърҳо фаровонанд. Қасидаи ў бо радифи «Ояд ҳаме» яке аз онҳост. Муаллифи мақола ба масъалаи тарҷумаи шеъри номбурда дахолат карда, 10 нафар будани шумораи тарҷумонҳои онро таъкид кардааст. Банда гумон дорам, ки миқдори тарҷумонҳои «Бўйи ҷўйи Мўлиён...» ёздаҳ нафаранд. Тахминан 10-12 сол муқаддам Президенти ҳамонвақтаи Эрон Хотамӣ ба Бухоро ташриф оварда, шеъри номбурдаи Рўдакиро хонда буд ва ин шеър бо тарҷумаи исломшинос ва шоир, раҳматӣ Саддриддин Салими Бухороӣ дар дохили мақолаи расмӣ дар матбуоти маҳаллӣ ва марказӣ дарҷ ёфта буд. Хулоса, Рўдакӣ аввалин шоирест, ки беҳтарин ва марғубтарин шеърҳоро дар бораи Бухоро навиштааст.

Ба ғайр аз ин таҷрибаи рўзгор, панду андарзҳои ў баҳри камолоти маънавии ҷавонони имрўз низ хеле пурқиматанд. Аз ин рў, эҷодиёти устодро омўхта нисбати шоир ҳар қадар сипосгузорӣ кунем, меарзад.

**Комилҷон РАҲИМОВ,**
**корманди калони илмии Институти шарқшиносии АИ Ўзбекистон, доктори фалсафа оид ба илмҳои таърих.**

# ТАҶРИБААМРО БА КОР АНДОХТА...

Инак, 47 сол аст, ки пас аз хатми факултаи санитарию гигиении Донишкадаи тиббии Тошканд фаъолияти меҳнатиамро дар Маркази осоиши санитарию эпидемиологии вилояти Намангон идома медиҳам. Тўли солҳои гузашта барои пешгирии бемориҳои гуногуни сирояткунанда ва мубориза бо онҳо таҷрибаи ғанӣ пайдо кардам.

Ҳоло пандемияи коронавирус ба бисёр кишварҳои ҷаҳон доман паҳн кардааст. Барои гирифтани пеши ин вируси ғайричашмдошт дар назди ҷамоаи мо низ вазифаҳо гузошта шуданд.

Иҷрои ин вазифаҳо дар рўзҳои гармои тобистон нафақат иродаи қатъӣ, балки боз фидокориро низ тақозо дорад. Дар ин бобат Боситхон Абдухалилов, Ваҳҳобҷон Мамаҷонов, Гавҳарой Нишонова, Марғубахон Алиҷонова, Муродҷон Дадахонов, Ҷобирхон Ҳоҷиқурбонов, Гулнора Ортиқова барин ҳамкасбонамон шабу рўз меҳнат мекунанд.

Ҳар як ҷамъомаде, ки бинобар пешгирӣ ва бартарафсозии коронавирус аз ҷониби Президентамон баргузор мегардад, вазифа ва масъулияти моро дучанд мекунад. Ман таҷрибаи андўхтаамро ба кор андохта, пайи иҷрои ин вазифа саъю ғайрат менамоям.

**Олимҷон ОХУНОВ,**
**Корманди хизматнишондодаи нигаҳдории тандурустии Ҷумҳурии Ўзбекистон.**



# ЗИЁРАТГОҲ – ГЎШАИ ОБОД

*Насаф аз шаҳрҳоест, ки аз қадим ба рушди илму фарҳанги умумибашарӣ саҳм гузоштааст. Агар дастхатҳо ва осори пешинагонро сафҳагардонӣ кунем, шоҳиди он мегардем, ки дар ин сарзамин бисёр олиму шоирон ва нависандагон ба камол расида, бо нисбати Насафӣ хома рондаанд.*

*Бино ба маълумоти манобеи таърихӣ яке аз насафиҳо – сарҳалқаи сулолаи насафиҳо, олими саршинос Абўмутеъ Макҳул ибни Фазли Насафӣ мебошад, ки дар нимаи дуюми қарни IX ва нимаи аввали садаи X (вафоташ с. 930) пурсамар эҷод кардааст. Чанд намояндаи сулолаи мазкур ба рушди илмҳои исломӣ дар кишварамон саҳми назаррас гузоштаанд. Мисол, насли сеюми ин сулола Абулмуъини Насафӣ (1027-1114) дар густариши таълимоти устоди маънавии худ, мутакаллими бузург Имом Абўмансури Мотурудӣ дар кишварҳои Шарқ хидматҳои шоиста кардааст. Бояд ёдрас намуд, ки дар зиёратгоҳи Абулмуъини Насафӣ дастнависи Қуръони карим (варақҳояш аз қоғази абрешим) мавҷуд аст. Ин китоби муқаддас 60 см дарозӣ, 41 см бар дорад. Ба Қуръони мазкур усто Зариф лавҳе сохтааст, ки 1 метру 60 сантиметр баландӣ дорад. Дар рўйи лавҳ санаи 1266 ҳиҷрӣ ба назар мерасад, ки ба 1851-уми милодӣ рост меояд. Ҳамчунин дар лавҳ 12 сатр шеъри форсӣ-тоҷикӣ ҳаккокӣ шудааст.*



*Гирду атрофи зиёратгоҳ бо қабристони он 50 гектар майдонро дар бар мегирад. Дар қабристон беш аз 100 ёдгорӣ (аз санги мармар) вуҷуд дорад. Онҳо гувоҳӣ медиҳанд, ки олимони дар деҳаи қадими Ибсан бакамолрасида низ дар ин ҷо дафн шудаанд.*

***Дар акс:** зиёратгоҳи мазкур.*

***Аксбардор: Ҷ. НОРҚОБИЛОВ (ЎзА).***

Овози тоҷик

МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпўлод ВАКИЛОВ

Рўзнома ҳафтае ду маротиба: рўзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.

***Рўзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рўзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рўзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ўзбекистон таҳти рақами 0003 ба рўйхат гирифта шудааст.

Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-835. Адади нашр 682, ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.

1 2 3 4 6

ISSN 2010-7757

Суратҳисоби мо дар бонк:
С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор:
А. Субҳонов.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 20.30

**Нишонии мо:**
**100000 ш.Тошканд, кўчаи Матбуотчилар, 32.**
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83;
Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ». Нишонии корхона: кўчаи Буюк Турон, хонаи 41.